**ТАҚРИЗ**

ба автореферати рисолаи диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.

Рисолаи номзадии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» аз сарсухан, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат буда, яке аз мавзӯҳои мубрами рӯз барои илми таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ маҳсуб меёбад.

Дар сарсухан тамоми масъалаҳои матраҳшаванда дуруст арзёбии худро ёфтаанд. Муаллиф мубрамияти мавзӯъро дар ҳафт зербанд мушаххас баён доштааст. Барои мисол муаллиф менависад, ки «мубрамияти мавзӯи мазкур дар он аст, ки имрӯз дар ин кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя 40 сол аст, ки ҷанг идома дорад. Бисёре аз масъалаҳои дар таҳқиқоти Ҳ.Назаров гузошташуда, махсусан зарурати ҳалли масъалаи миллӣ, тавсияҳои пешниҳодкардаи ӯ дар ин замина барои ҳалли буҳрони имрӯзаи Афғонистон аҳамияти зиёд доранд»

Бояд таъкид намуд, ки то имрӯз дар хусуси «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст. Таҳқиқоти мазкур аввалин рисолаест, ки фаъолият ва саҳми Ҳ.Назаровро дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон бо дарназардошти шароити соҳибистиклолии Тоҷикистон мавриди пажӯҳиш қарор дода мешавад.

Муаллифи рисола ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро чунин муайян намудааст:

– мушаххас намудани марҳилаҳои зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров;

– нишон додани саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии кадрҳои илмии соҳаи таърих, махсусан афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон;
– таҳлили хулосаҳои илмии Ҳ.Назаров доир ба вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX;
– таҳлили чигунагии инъикоси ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон дар осори Ҳ.Назаров;
– арзёбии андешаҳои Ҳ.Назаров дар бораи ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон ;
– таҳлилии консепсияи пешниҳоднамудаи Ҳ.Назаров оид ба таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон;
– муайян намудани нақши Ҳ.Назаров дар таҳлили моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ;
– мушаххас кардани саҳми Ҳ.Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ба ақидаи муаллифи рисола дар он ифода меёбанд, ки «натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ–методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия, махсусан вобаста ба ҷунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ, масъалаи миллӣ, моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода гарданд».

Хулосаҳои боварибахш аз натиҷагирии бобҳои дохилӣ дар саҳифаи охири автореферат пешниҳод мегарданд.

Муаллиф бо мақсади омӯзиши минбаъдаи таҳқиқот ва истифодаи мероси илмии профессор Ҳ.Назаров тавсияҳои худро дар панҷ зербанд пешниҳод намудааст.

Забон ва услуби навишти рисолаи илмӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Дар рисола баъзан ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба мушоҳида расиданд, ки ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии рисоларо коста намекунад.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯали ибни Сино",
номзади илмҳои таърих Абдураҳмонов З.В.
**Суроға:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Сино, 30/1.
МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино"
Телефон (+992) 935984497
E-mail:zevar-1986@mail.ru

«Имзои Абдураҳмонов З. В.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори бахши кадрҳои МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино" Расулов М.

ШУЪБАИ КАДРҲО